**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

Муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих). Душанбе, 2025.

Мавзуи диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. – «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» аз рӯйи мазмун, ҳадаф ва вазифаҳои илмии он пурра ба ихтисоси 6D020201 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мутобиқ мебошад. Дар маркази таҳқиқ масъалаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ доир ба хатарҳои иттилотӣ дар чоряки аввали асри XXI қарор дорад, ки ба муҳтавои илмии ин соҳа комилан мувофиқ мебошад.

Моҳияти мавзуи таҳқиқот ва омӯзиши масъалаҳои таърихии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти хатарҳои иттилоотӣ равона гардидааст. Муаллифи диссертатсия равандҳои мазкурро бо назардошти вазъияти минтақавию байналмилалӣ, дигаргуниҳо дар сохтори кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI–ро мавриди баррасӣ қарор додааст. Раванди мазкур, ки дар он ҳамкориҳои минтақавӣ дар доираи сиёсати хориҷии кишварҳо таҳлил шудаанд ба талаботи илмии ихтисоси таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар солҳои охир кишварҳои Осиёи Марказӣ бо таҳдидҳои афзояндаи амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла ҳамлаҳои киберӣ ва нокомии низоми иттилоотӣ рӯбарӯ шудаанд. Ин чолишҳо як навъ суратъатбахшӣ барои кишварҳои минтақа баҳри таҳкими истиқлоли иттилоотии худ ва эҷоди равандҳои муассир барои вокуниш ба ҳодисаҳои киберфазо гаштаанд, ки таҳқиқи мавзуи мазкур дар ин самт аз нигоҳи илмӣ ва амалия аҳаммияти калон дорад. Дар ин замина, муаллиф на танҳо равандҳои ҳамкориҳои сиёсӣ ва дипломатиро дар самти хатарҳои иттилоотӣ омӯхтааст, балки низоми иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказиро дар ибтидои асри XXI мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ ва ташаккули роҳҳои муассири мубориза бо онҳо дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дорад. Ин имкон медиҳад, ки на танҳо дарки механизмҳои ҷанги иттилоотии муосир амиқтар шавад, балки стратегияи ҳамаҷонибаи таҳкими амнияти минтақавӣ дар шароити афзоиши рақобати геополитикӣ таҳия карда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати мазмун ва ҳадафҳои илмӣ пурра ба ихтисоси 6D020201 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мувофиқат дошта, ба талаботи илмии таҳқиқоти таърихӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсияи** Фозилов К.Ҷ. дар он зоҳир мегардад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба як қатор мушкилоти сиёсӣ рӯбарӯ гардидаанд. Бо назардошти ҳамин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои худ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ ва ташаккули роҳҳои муассири мубориза бо онҳо диққати махсус додааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, амният ва соҳибистиқлолии иттилоотии давлатҳо ба яке аз ҷанбаҳои калидии амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои мавқеи муҳимми геостратегӣ дар Осиёи Марказӣ, имрӯз бо маҷмуи

хатарҳои нави иттилоотӣ рӯ ба рӯ мебошад. Хатарҳои иттилоотӣ, аз ҷумла паҳншавии маълумоти бардурӯғ, таблиғоти экстремистӣ, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамлаҳои рақамӣ ба инфрасохтори давлатӣ ва молиявӣ ба суботи сиёсӣ, амнияти иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии кишвар таҳдид мекунанд. Муаллифи диссертатсия дар самт таъкид менамояд, ки тақвияти ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон) аҳаммияти хосса дорад. Зеро хатарҳои иттилоотӣ табиатан фаромиллӣ буда, муқовимат бо онҳо танҳо дар асоси ҳамгироии минтақавӣ ва мубодилаи иттилоот имконпазир аст.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим ва арзишманди диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. дар он ифода меёбад, ки кори ӯ дорои дараҷаи баландтарини навгонӣ ва таҳқиқоти мустақили илмӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз маводи аслӣ, созишномаҳои баимзорасида дар доираи созмонҳои минтақавӣ, санадҳои расмии байналмилалӣ, қарордод, изҳорот ва ҳуҷҷатҳои бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, инчунин, таҳлилҳои муосири олимони дохиливу хориҷӣ тавонистааст, заминаи илмии устувор барои арзёбии ҷараёни муносибатҳои дуҷониба фароҳам оварад.

Пеш аз ҳама, муаллиф нахустин бор дар илми таърихи муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ доир ба хатарҳои иттилоотӣ дар чоряки авали асри XXI – ро ба тарви низомнокӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

**Дувум,** муаллиф дар кор барои аввалин бор асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказиро ҳамчун омили муҳимми таъмини суботи минтақавӣ ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ таҳлил намудааст. Инчунин, таҳлили созишномаҳои байниҳукуматӣ, инчунин, созишномаҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ, протоколҳо ва изҳороти муштараки роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ доир ба хатарҳои иттилоотӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин санадҳо на танҳо табиати ҳуқуқии муносибатҳоро муайян

кардаанд, балки ба ташаккули меъёрҳои нави ҳамкориҳои минтақавӣ доир ба амнияти иттилоотӣ низ таъсир расондаанд.

**Сеюм,** муаллиф дар диссертатсия нақши ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар самти таъмини амнияти иттилоотиро бо таҳлили мисолҳои мушаххас мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Чаҳорум,** дар кори диссертатсионӣ бори аввал масъалаҳои ҳамкориҳои амнияти иттилоотӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, махсусан, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои киберӣ ба таҳкими суботи минтақа ва баланд бардоштани суботи сиёсии кишварҳо мусоидат намудааст.

**Панҷум,** як навгонии муҳимми илмии таҳқиқоти мазкур таҳлили мушкилот ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили муқовимати муназзам ва самаранок бар зидди хатарҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Шашум,** аз лиҳози методологӣ, кори диссертант бо истифода аз усулҳои таҳлили таърихӣ, геосиёсӣ, муқоисавӣ ва таҳлили мазмунӣ анҷом ёфтааст. Инчунин, раванди муносибатҳои байналмилалиро бо равандҳои сиёсати муосир пайванд дода, аз нуқтаи назари илмӣ тавсиф намояд. Ин тарзи таҳқиқ имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти хатарҳои иттилоотӣ ҳамчун падидаи мураккаби таърихӣ ва геостратегӣ арзёбӣ гарданд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада.** Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. дорои навгониҳои илмии воқеӣ ва арзиши назариявию амалӣ мебошад. Муаллиф бо истифодаи васеи сарчашмаҳо, таҳлили муфассали марҳалаҳои ҳамкорӣ ва пешниҳоди хулосаҳои нав саҳми назаррас дар

омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ гузоштааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба истифодаи васеи манбаҳои муосир ва аслӣ такя намудааст. Инчунин, омӯзиши асноди меъёрию ҳуқуқии расмӣ дар доираи ИДМ, СҲШ, СААД ва истифодаи васеи маводи гуногуни электронӣ аз сомонаҳои расмӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба таҳдиду чолишҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо ба фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил, муқоиса ва натиҷагирӣ карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки сарчашмаҳои мазкур ба муҳаққиқ имкон додаанд, ки маводи таҳқиқотӣ на танҳо воқеӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ эътимоднок бошад.

**Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Муаллиф шаш нуктаҳои илмии таҳқиқоти худро барои ҳимоя пешниҳод кардааст, ки онҳо пеш аз ҳама ба таҳқиқи заминаҳои таърихӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ доир ба хатарҳои иттилоотиро фаро мегирад.

Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки дар чоряки аввали асри XXI тағйирёбӣ дар низоми иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунад.

Мавзуи хатарҳои иттилоотӣ дар заминаи бунёд ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI мақоми хосса касб кардааст. Бо назардошти рақамисозии босуръат, рушди фазои киберӣ ва афзоиши ҷараёни иттилооти фаромарзӣ, масъалаҳои ҳифзи соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи рӯзномаи амнияти минтақавӣ ва миллӣ табдил меёбанд. Масъалаи мазкур дар маркази диққати доираи васеи мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсатшиносон мебошад. Дар ин замина бо таваҷҷуҳи доираҳои коршиносони муносибатҳои байналмилалӣ мафҳуми ибораи

«хатарҳои иттилоотӣ» то ҳанӯз мавриди таҳияи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Тафсири он норавшан ва зиддиятнок боқӣ мемонад, ки ташаккули стратегияи ҳамаҷонибаи вокуниш ба чунин таҳдидҳоро хам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ мушкил мекунад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобкардаи муҳаққиқ ҷавобгӯи марҳалаи муосир буда, дорои аҳаммияти илмӣ ва навгонии таҳлилӣ мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. бо истифодаи манбаҳои сершумор ва гуногунсатҳ таҳия шудааст, ки он ба эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада далели возеҳ мебошад. Муаллиф ба таври фарогир аз ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, шартномаҳои дуҷониба, санадҳои байналмилалӣ, ахбори расмии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳо, таҳқиқоти илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ истифода бурдааст.

Инчунин, муҳимтарин ҷанбаи эътимоднокии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки муаллиф кӯшиш кардааст таҳқиқоти худро танҳо ба таҳдидҳои умумӣ маҳдуд насозад, балки бо такя ба маълумоти оморӣ вазъи воқеии ҳамкориҳои байналмилалиро инъикос намояд.

Ҳамин тариқ, хулосаҳои асосии диссертатсия дар асоси таҳлили муфассали далелҳо, муқоисаи манбаҳо ва арзёбии мунтазам пешниҳод шудаанд. Муаллиф ҳар як ҷанбаи вобаста ба хатарҳои иттилоотии ҷойдошта дар фазои иттилоотии Осиёи Марказиро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо такя ба далелҳои мушаххас ва рақамҳои воқеӣ асоснок намудааст.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва мубраммияти хос буда, ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Бинобар ин, барои таҳияи сиёсатҳои хориҷии муосир ва омӯзиши хатарҳои иттилоотӣ дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти бузургро дорад.

Инчунин, дар тавсияҳо муҳаққиқ тавонистааст, ки натиҷаҳои бадастомадаро ба шакли мулоҳизаҳои амалан тадбиқшаванда пешниҳод намояд. Ин тавсияҳо бо далелҳои мушаххас асос ёфтаанд, ки ба равандҳои воқеии ҳамкориҳои минтақавӣ иртиботи мустақимро доро мебошанд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳқиқоти мустақил ва таҷзияву таҳлили шахсии муаллиф ба даст омадаанд. Ҳеҷ як бахши кори илмӣ хусусияти иқтибосии бевосита ё такрори таҳқиқоти қаблиро надошта, далели сатҳи баланди мустақилияти таҳқиқот мебошад.

Ба таври умум, диссертатсияи мазкур дорои асоснокии илмии қавӣ, боэътимодии хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ буда, ҳамаи натиҷаҳо бо такя ба таҳқиқоти амиқи назариявӣ ва таҳлили воқеии равандҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ростои хатарҳои иттилоотӣ баён гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. аз рӯи меъёрҳои илмӣ ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дорои тамоми қисматҳои зарурии илмӣ мебошад. Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

**Муқаддима** ба таври муфассал мубраммияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объекти омӯзиш, предмет, асоси мантиқию методологӣ ва манбаи илмиро инъикос мекунад. Инчунин, дараҷаи таҳқиқоти мавзуъ дар илми муосир, навгонӣ ва аҳаммияти назариявию амалии кор асоснок гардидааст.

**Боби якуми** таҳқиқот “Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши мафҳуми хатарҳои иттилоотӣ” номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали он ба “Мафҳум ва мушаххасоти хатарҳои иттилоотӣ дар адабиёти илмӣ” бахшида шудааст. Муаллиф дар зербоби мазкур мафҳуми хатарҳои иттилотиро шарҳу тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки дар

адабиёти илмӣ хатарҳои иттилоотӣ як раванди осебпазир дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаҳмида шуда, роҳҳои мубориза бо онҳо ва муқовимати дастаҷамъонаи кишварҳои минтақа як усули ҳимоя аз таҳдидҳои ҷойдошта ба ҳисоб меравад. Муқовимати дастаҷамъонаи кишварҳои минтақа бар зидди хатарҳои иттилоотӣ ба сиёсати дохилӣ ва минтақавии кишварҳо аҳаммияти стратегӣ дорад. Ин раванд ҳамоҳангсозии талошҳои давлат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкорони байналмилалиро тақозо менамояд.

Зербоби дуюми боби аввал “Асосҳои методологии таҳқиқи хатарҳои иттилоотии муосир дар Тоҷикистон” номгузорӣ шуда, муаллиф ба ҷанбаҳои муҳимми марбут ба вазъи амнияти иттилоотӣ дар кишвар таваҷҷуҳ намудааст.

Муаллиф дар ин самт зикр менамояд, ки фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз хатарзо буда, ҳамлаҳои киберӣ, муборизаҳои иттилоотӣ ва ҷилва додани хабарҳои иғвоангез суботи сиёсиро халалдор сохтааст. Аз ин рӯ таҳқиқи хатарҳои иттилоотӣ бояд дар доираи таҳлили ҳамаҷониба ва мувозинаи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон сурат гирад. Дар ин росто, сиёсати иттилоотии кишвар бо мақсади ҳифзи истиқлол ва амнияти миллӣ таваҷҷуҳи махсус мехоҳад, ки дар он ҳам таъсири дипломатияи иттилоотӣ, ҳам рушди воситаҳои иттилоотӣ ва ҳам ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳо муҳим мебошад.

**Боби дуюми** диссертатсия «Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ: махсусият ва мушкилоти он» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зерфасли аввал «Вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ» унвон дорад. Муаллиф дар ин самт зикр менамояд, ки дар марҳалаи муосир суръат гирифтани фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ, зиёд гардидани ҳаводорони он дар минтақа бо таҳдидҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла ҷангҳои иттилоотӣ, фишорҳои идеологӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва паҳншавии маводи иғвогарона рӯбарӯ гаштааст. Ҳамзамон муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки дар маҷмуъ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва

киберӣ дар Осиёи Марказӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои стратегии сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллӣ табдил ёфтаанд. Аз ин рӯ, муқовимати мусаллаҳона бар зидди хатарҳои ҷойдошта, ин пеш аз ҳама, ҳамкории минтақавӣ, таҳияи заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ, омодасозии мутахассисон, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва тақвияти инфрасохтори рақамӣ имконпазир аст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ: равишҳо ва мушкилиҳои кишварҳо» номгузорӣ шудааст. Муаллиф дар ин самт роҳҳои мубориза ба хатарҳои иттилотӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳамкории кишварҳои дар самти таъмини амнияти иттилоотиро мавриди таҳқиқоти густурда анҷом додааст.

Инчунин, ба ақидаи муаллиф дар шароити афзоиши ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳамлаҳои гибридӣ, давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд дар якҷоягӣ барои таъмини амнияти рақамӣ ва иттилоотии минтақа чораҳои муштарак андешанд. Дар ин росто муаллиф таъкид менамояд, ки нақши соҳаи маориф, махсусан ворид кардани фанҳои нави диншиносии илмӣ ва таҳаммулгароӣ, ба барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна, яке аз ҷанбаҳои асосии мубориза бо ифротгароӣ дар сатҳи идеологӣ ба ҳисоб меравад.

**Боби сеюми** диссертатсия «Самтҳо ва дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ» ном гирифтааст.

Зербоби якуми боби мазкур «Самтҳои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ (ИДМ ва СҲШ)» буда, марҳалаҳои таърихии хатарҳои иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби мазкур муаллиф зикр менамояд, ки тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар чоряки аввали асри XXI тақозо намудааст, ки дар чаҳорчӯбаи созмонҳои минтақавӣ ба монанди СААД ва

СҲШ масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ гардад. Аз ин рӯ, ҳамкории мутақобила байни кишварҳои узв барои муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ ва ҳифзи фазои иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст. Эъломияҳо ва созишномаҳои СҲШ, аз ҷумла «Нақшаи амал ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ» ва «Қоидаҳои амал дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ» мисол шуда метавонад.

Дар маҷмуъ, муаллиф дар таҳқиқоти худ нишон додааст, ки ҳадафи асосии кишварҳои узви СҲШ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳамкории самаранок дар мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ ва ҳифзи субот ва амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст, ки бо назардошти ҳодисаҳои байналмилалӣ ва таҳаввулоти технологӣ рӯз ба рӯз аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Зербоби дуюми боби мазкур «Дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ» ном дошта, муаллиф дар он паёмадҳои ногувори хатарҳои иттилоотӣ ва таъсири он ба низоми идоракунии ВАО-и кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро ба таври назаррас дарҷ намудааст.

Инчунин, муаллифи диссертатсия дар он назар аст, ки ҳамкориҳои минтақавӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба мисли ИДМ ва СҲШ ба густариши низоми амнияти иттилоотӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, соли 2001 дар Белорус Созишномаи ҳамкорӣ барои мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ба имзо расида, солҳои 2011-2013 кишварҳои минтақа ба шабакаи ҷаҳонии гурӯҳҳои компютерии вокуниш (CERT) пайвастанд. Илова бар ин, Созмони ИДМ соли 2000 Маркази зиддитеррористиро таъсис дод, ки дар ҳамоҳангсозии чораҳои зиддитеррористӣ нақши муҳиммеро мебозад.

Дар хулосаи диссертатсия дар асоси фикри ҷамъбастии муаллиф пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳо оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. дорои аҳаммияти фарох ва бисёрҷанба мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо барои рушди илми таърихи

муносибатҳои байналмилалӣ аҳаммияти назариявӣ доранд, балки барои омӯзиши нуктаҳои муҳимми ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти иттилоот низ қобили истифода мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи ин таҳқиқот дорои аҳаммияти гуногунҷанба мебошанд, Аз ҷумла:

**Аҳаммияти илмӣ.** Аз лиҳози илмӣ диссертатсия барои тақвияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъсиррасон мебошад. Таҳқиқоти мазкур имкон фароҳам меорад, ки донишҳои назариявӣ дар ростои хатарҳои иттилоотӣ ва усулҳои мубориза ба онҳо устувортар гардад. Муаллифи диссертатсия равандҳо ва марҳалаҳои муқовимати мусаллаҳона бар зиддӣ хатарҳои иттилоотӣ дар қаринаи ҳамкориҳои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои Осиёи Марказиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд таъкид намуд, ки кори анҷомдодаи муаллиф барои муҳақиқон, донишҷӯён ва унвонҷӯёну магистрантон бисёр муҳим мебошад. Инчунин, мавзуи мазкур дар самти муносибатҳои байналмилалӣ ва омӯзиши таърихи ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ муҳим ва рӯзмара мебошад.

**Аҳаммияти амалӣ.** Кори анҷомдодаи муаллиф барои ниҳодҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, барои истифодаи васеи он тавсия мегардад. Тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия зикр намудааст байёнгари он аст, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи ниҳодҳои минтақавӣ мавриди истифода қарор гирад. Тавсияҳо ва хулосаҳои бадастомада дар диссертатсия имкон фароҳам меорад, ки кишварҳои минтақа муборизаи густурда бар зидди хатарҳои иттилоотиро анҷом дода, тадбирҳои назаррасро андешанд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Аз лиҳози иқтисодӣ таҳқиқот нишон медиҳад, ки муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ барои ҳифзи иқтисод муҳим мебошад. Дар диссертатсия муаллиф ҳолатҳои ҳуҷумҳои киберӣ ба сохторҳои

молиявиро ба таври густурда таҳқиқ намудааст. Аз рӯи таҳқиқоти анҷомдодашуда, барои пешгирӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки тадбирҳои ҳалкунандаро андешида, рушди тиҷорати электронӣ ва рақамикунонии иқтисодиро тақвият диҳанд.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аз ҷиҳати иҷтимоӣ пешгирии ҳамагуна хатарҳо ва суботи комили сиёсӣ дар кишварҳо дар диссертатсия муҳим арзёбӣ гардидааст. Тавсияҳо ва хулосаҳои муаллиф зикри он аст, ки раванди рақамикунонӣ, ҳамкориҳои амниятӣ ва муқовимати густурдаи ниҳодҳои дахлдор бар зиддӣ хатарҳои иттилоотӣ имкони пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, боло бурдани дониши иттилооти – фарҳангии ҷомеаи муосир мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Яке аз талаботи асосии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи диссертатсияҳои илмӣ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқот бояд дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп шуда бошанд. Ин меъёр на танҳо барои эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ, балки барои шинохти саҳми муҳаққиқ дар ҷомеаи илмӣ низ аҳаммияти калон дорад.

Муаллиф – Фозилов К.Ҷ. ба ин талабот пурра риоя намудааст. Дар диссертатсия қайд мешавад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқарраротн диссертатсия дар як қатор мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои конференсиявӣ инъикос ёфтаанд. Аз 8 мақолаи илмии ӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

Аз ин рӯ, нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ аз он далолат мекунад, ки натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби ҷомеаи илмӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифта, қобили қабул ва истифода дониста шудаанд.

Бешубҳа, ин ҳолат ба довталаб имкон додааст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳодкардаашро такмил бахшида, бо назардошти мулоҳизаҳои муҳаққиқони дигар таҳқиқоти худро мукаммал намояд.

Бояд қайд кард, ки теъдоди маводи нашршуда ба банди 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мазкур дар баробари дастовардҳои илмӣ, инчунин яққатор камбудиҳо ба назар мерасанд, шарҳи мухтасари онро дар зер меорем:

1. Муаллиф ба таври умумӣ мафҳуми "амнияти иттилоотӣ"-ро шарҳ додааст, аммо ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии он аз дидгоҳи мактабҳои илмии муосир (масалан, мактаби русӣ, ғарбӣ ва осиёӣ) қисман таҳлил нашудаанд;

2. Дар диссертатсия шумораи манбаҳои хориҷӣ, махсусан англисӣ ва русӣ, маҳдуд аст. Барои таҳқиқоти сатҳи докторӣ (ё номзадӣ) зарур буд, ки адабиёти васеътар аз ҷумла, асарҳои муосири марказҳои таҳлилии СҲШ, СААД ва СММ истифода мешуд;

3. Гарчанде ки муаллиф аз усули таҳлили компаративӣ ёд мекунад, аммо муқоисаи воқеии сиёсатҳои амнияти иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ (масалан, Тоҷикистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон) на он қадар амиқ аст. Ҷадвал ё диаграммаҳои муқоисавӣ метавонистанд далелҳоро возеҳтар нишон диҳанд;

4. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло зикр ёфтанд, ба таври умумӣ ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро надоранд ва шаҳодат аз он медиҳанд, ки мавзуи диссертатсия ва масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим, мураккаб ва баҳснокаанд. Инчунин, камбудӣ ва норасоиҳо хусусияти тавсиявӣ доранд,

то муаллиф минбаъд дар корҳои илмию таҳқиқотии худ онҳоро мавриди назар қарор диҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати расмият ва услуб ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад. Пеш аз ҳама, сохтори диссертатсия бо меъёрҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Муаллиф ба талаботи иқтибос ва истинодҳои илмӣ низ риоя намудааст.

Автореферати диссертатсия низ, ки шакли фишурдаи таҳқиқот ба ҳисоб меравад, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад. Сабки забои мутобиқи меъёрҳои илмии тоҷикӣ буда, услуби баён равшан, дақиқ ва беғараз аст. Дар диссертатсия иқтибосҳо ва истинодҳои дохилиматнӣ дуруст оварда шудаанд, рӯйхати адабиёт дорои сарчашмаҳои асосӣ ва нав мебошад, ки ҳам адабиёти ватанӣ ва ҳам хориҷиро дар бар мегирад.

Тибқи талаботи муайяншуда, муҳаққиқ аз истифодаи манбаъҳои аввалия, асарҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ васеъ истифода намудааст. Дар таҳқиқ қоидаҳои ҳуҷҷатгузории илмӣ, низоми истинoддиҳӣ ва тарзи зикри сарчашмаҳо риоя шудаанд. Матн бо забони адабии тоҷикӣ ва бе хатоҳои ҷиддии грамматикӣ таҳия шудааст. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати шакл, мазмун ва барасмиятдарорӣ ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, барои пешниҳод ба ҳимоя омода мебошад.

Дар маҷмӯъ, бояд зикр кард, ки диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад ва кори

илмии анҷомшуда аст ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳад. Мавзуи таҳқиқот, мазмуну муҳтавои диссертатсия, мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ,**
номзади илмҳои таърих, ходими пешбари
илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Раҳмонзода А. Ш.**

**Имзои Раҳмонзода А.Ш. – ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои Институти
омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Игамова У.Я.**

11.11.2025

**Суроға:** 734025,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33 Тел: 221-03-28?
E-mail: info@osiyoavrupo.tj
Сомона: http://www.osiyoavrupo.tj,